# PISA 2025

# ТОҶИКИСТОН

BETTER POLICIES FOR BETTER LIVES

# PISA чист?

**PISA (Programme for International Student Assessment)** барномаи байналмилалӣ оид ба арзёбии дастовардҳои таҳсилии хонандагон – таҳқиқоти байналмилалии муқоисавии сифати таҳсилот аст, ки дар доираи он дониш ва малакаю маҳоратҳои хонандагони 15-солаи муассисаҳои таълимии кишварҳои гуногун арзёбӣ мешавад.

Таҳқиқот ба таври даврӣ – ҳар се сол як маротиба аз тарафи Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (СҲИР) гузаронида мешавад. Тоҷикистон (шаҳри Душанбе) бори аввал дар таҳқиқоти соли 2025, ки таҳқиқоти 9-уми **PISA** (аз соли 2000-ум) ба шумор меравад, иштирок менамояд.

Маълумоти пурра дар бораи PISA-ро аз сомонаи СҲИР метавон пайдо намуд - https://www.oecd.org/pisa/

# Барои чӣ дар PISA хонандагони 15-сола иштирок менамоянд?

Ҳадафи пажуҳиш **дастовардҳои таҳсилии хонандагони 15-сола** мебошад.

Интихоби хонандагони ин синну сол бо он шарҳ дода мешавад, ки дар бисёре аз кишварҳо таҳсили ҳатмӣ дар ин син ба поён мерасад ва барномаҳои таълимии кишварҳои гуногун низ умумияти зиёд доранд.

# Иштироки мактабҳо ва хонандагон дар PISA-2025

- PISA - арзёбӣ **дар асоси намунагирӣ**.
- Равиши намунагирии тасодуфӣ **намоёнгар (репрезентативӣ) будани** натиҷаҳоро барои ҳар як кишвари/минтақаи иштирокдор таъмин менамояд.
- Дар PISA-2025 аз ҳар кишвар/минтақа **6300 хонанда** иштирок мекунад: 150 мактаб x 42 хонанда аз ҳар мактаб.
- Синни хонандагоне, ки дар PISA иштирок мекунанд, **15 сол**ро ташкил медиҳад, онҳо дар синфи 7-ум ва синфҳои болотар аз он мехонанд.
- Мактабҳо ва хонандагон **ба таври тасодуфӣ** интихоб карда мешаванд, то ки низоми мактабро пурра намояндагӣ кунанд.
- **Мумкин аст**, **ҳамаи муассисаҳои таълимие**, ки дар онҳо гурӯҳҳои мақсадноки мактаббачагони синни 15-сола таҳсил мекунанд, интихоб карда шаванд.

# PISA чиро арзёбӣ мекунад?

**PISA** санҷиши тестист, ки ба воситаи он саводи амалкардӣ (функсионалӣ)-и мактаббачагони кишварҳои гуногуни ҷаҳон ва қобилияти дар амал истифода намудани дониш арзёбӣ карда мешавад.

Саводи амалкардӣ (функсионалӣ), агар бо ибораи сода баён кунем, қобилияти дар ҳаёт татбиқ кардани дониш ва малакаю маҳоратҳои дар мактаб гирифташуда мебошад. Ин дараҷаи маълумотест, ки дар давоми таҳсил ба даст оварда мешавад ва қобилияти ҳалли масъалаҳои ҳаётро дар соҳаҳои гуногуни он пешбинӣ мекунад.

Пас, PISA на танҳо арзёбии дониши азхуднамуда, инчунин арзёбии салоҳияти (малакаю маҳорати) истифодаи дониш **дар шароити нав ва ҳолатҳои воқеӣ** аст.

# Абзори таҳқиқот (воситаҳои арзёбӣ)-и PISA ва дараҷаҳои он

PISA саволу масъалаҳои дараҷаи душвориашон гуногунро истифода мебарад, ки ба арзёбии салоҳиятҳо (малакаю маҳорат) нигаронида шудаанд.

Арзёбӣ аз қисмҳои санҷиши тестӣ (бо давомнокии 2 соат) ва пурсиш (анкетирование) иборат аст.

Абзори таҳқиқот аз **141 саволу масъалаи тест** иборат аст:

- 47 саволу масъала барои саводи хондан;
- 40 саволу масъала барои саводи риёзӣ (математикӣ);
- 54 саволу масъала барои саводи илмҳои табиӣ.

**6 дараҷаи** саводи хондан муайян шудааст, ки дараҷаи 2-юми он асосӣ (заминавӣ) ба ҳисоб меравад.

Ба арзёбии **қобилияти умумитаълимӣ ва зеҳнии** хонандагон диққати махсус дода мешавад.

# Чиро саводи хондан, саводи риёзӣ ва саводи илмҳои табиӣ меноманд?

**Саводи хондан** қобилияти шарҳ додани матнҳо, таҳлил, ҷустуҷӯ ва дарёфти моҳият ва маънои ниҳонӣ дар онҳост. Он шомили малакаҳои таҷзия ва таҳлилу дарки матн, қобилияти ба тартиб даровардан ва баён кардани фикр, инчунин ба кор гирифтани донишҳои андӯхта дар зиндагии иҷтимоӣ ва шахсӣ аст.

**Саводи риёзӣ** қобилияти шахс барои муайян кардан ва дарк намудани нақши математика дар ҷаҳоне, ки дар он зиндагӣ мекунад, баён кардани хулосаҳои математикии боасос, истифодаи математика ба гунае, ки ниёзҳои имрӯза ва ояндаи як шахси эҷодкор, манфиатдор ва боандешаро бароварда кунад.

**Саводи илмҳои табиӣ** қобилияти шахс барои ишғоли мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ дар масъалаҳои муҳимми иҷтимоии марбут ба илмҳои табиӣ ва омодагии ӯ ба қабули идеяҳои илмӣ-табиӣ.

# Бартариҳои иштирок дар PISA

1. Меъёри байналмилалии натиҷаҳои омӯзиш ва нишондиҳандаҳо ба кишварҳо имкон медиҳанд, то пешрафтро дар тӯли замон пайгирӣ кунанд.
2. Таҳлили стратегияҳо ва таҷрибаҳои пурсамар, ки дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон истифода мешаванд.
3. Натиҷагириҳо барои ёрӣ расонидан ба хонандагон, ки беҳтар омӯзанд; ба омӯзгорон, ки хубтар дарс диҳанд ва ба низоми мактабҳо, ки беҳтар кор кунанд.

# Натиҷаҳои PISA

1. Натиҷаҳои PISA сифати воқеии таҳсилот ва дастовардҳои таҳсилӣ дар мактабҳои Тоҷикистонро нишон медиҳад ва имкон фароҳам меорад, ки омӯзгорон ва сиёсатмадорон аз таҷрибаҳои дигар кишварҳо биомӯзанд ва дар асоси далелҳо сифати таҳсилотро баланд бардоранд.
2. Натиҷаҳо барои муайян намудани афзалиятҳо дар сиёсат дар соҳаи маориф, танзими ислоҳоти зарурӣ, аз ҷумла таҳияи равишҳои мукаммали таълими фанҳое, ки хонандагон дар омӯзиши онҳо ба мушкилиҳо дучор мешаванд; ба роҳ мондани сиёсати муассири арзёбии дастовардҳои таҳсилии хонандагон мувофиқ бо стандартҳои байналмилалӣ, инчунин беҳтар намудани шароити мусоиди таълим мутобиқ бо ниёзҳои хонандагон истифода мешаванд.

# Кишварҳои дар PISA ширкаткунанда

1. Албания
2. Алҷазоир
3. Аргентина
4. Арманистон
5. Австралия
6. Австрия
7. Озарбойҷон
8. Беларусия
9. Белгия
10. Босния ва Герсеговина
11. Бразилия
12. Бруней-Доруссалом
13. Булғористон
14. Камбоҷа
15. Канада
16. Чили
17. Хитой (Чин)
18. Тайбэйи Чин
19. Колумбия
20. Коста-Рика
21. Хорватия
22. Ҷумҳурии Чех
23. Дания
24. Ҷумҳурии Доминикан
25. Эквадор
26. Миср
27. Салвадор
28. Эстония
29. Финляндия
30. Франсия
31. Гурҷистон
32. Олмон
33. Гана
34. Юнон
35. Гватемала
36. Гондурас
37. Гонконг (Чин)
38. Венгрия
39. Исландия
40. Ҳиндустон
41. Индонезия
42. Ирландия
43. Исроил
44. Италия
45. Ямайка
46. Япония
47. Урдун
48. Қазоқистон
49. Кения
50. Корея
51. Косово
52. Курдистони Ироқ
53. Қирғизистон
54. Латвия
55. Лубнон
56. Литва
57. Люксембург
58. Макао (Чин)
59. Малайзия
60. Малта
61. Маврикий
62. Мексика
63. Муғулистон
64. Черногория
65. Марокаш
66. Нидерландия
67. Зеландияи Нав
68. Македонияи Шимолӣ
69. Норвегия
70. Автономияи Фаластин
71. Панама
72. Парагвай
73. Перу
74. Филиппин
75. Полша
76. Португалия
77. Қатар
78. Руминия
79. Федератсияи Русия
80. Руанда
81. Арабистони Саудӣ
82. Сенегал
83. Молдова
84. Сербистон
85. Сингапур
86. Ҷумҳурии Словакия
87. Словения
88. Испания
89. Шветсия
90. Швейтсария
91. Тоҷикистон
92. Таиланд
93. Тринидад ва Тобаго
94. Тунис
95. Туркия
96. Украина
97. Аморати Муттаҳидаи Араб
98. Британияи Кабир
99. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико
100. Уругвай
101. Ӯзбекистон
102. Венесуэла
103. Ветнам
104. Замбия

# Махфияти маълумоти PISA

!

Ҳама маълумоти дар доираи PISA ҷамъовардашуда комилан махфӣ мебошанд. Дар гузоришҳое, ки дар доираи PISA 2025 нашр мешавад, дар бораи ягон шахс ё мактаби иштироккунандаи барнома чизе гуфта нахоҳад шуд.

Рақами мактаб, ному насаби омӯзгорон ва хонандагоне, ки дар барнома иштирок мекунанд, комилан махфӣ нигоҳ дошта мешавад.